Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30, www.rtsu.tj

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзуи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст**

Бояд қайд намуд, ки таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва рақобатнокии соҳаҳои он аз сифат ва дараҷаи самаранокии татбиқи принсипҳои асосии консепсияи инкишофи фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад. Дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ ин ҷалби сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ барои татбиқи принсипҳои инкишофи иқтисоди инноватсионӣ шуморида мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки иқтисодиёт ҳамон вақте инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки агар рушди иқтисодӣ тавассути такмили технология, афзоиши истеҳсолот, содироти маҳсулот ва технологияҳои ҷадид таъмин гардида, асоси онро самаранок истифодабари сармояи инсонӣ ташкил диҳад. Дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ фоидаи асосӣ на танҳо аз ҳисоби захираҳои табиӣ ё ҷараёни сармоягузорӣ, балки бештар аз ҳисоби инноватсия, иттилоот ва рушди сармояи инсонӣ ба даст меояд.

Аз ин ҷо чунин бармоеяд, ки ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ пеш аз ҳама, аз дараҷаи рушди сармояи инсонӣ вобастагӣ дошта, дар навбати худ таъмини он муҳити мукаммал ва мусоиди институтсионалӣ-инноватсиониро талаб менамояд. Барои расидан ба ин мақсад ҳар як кишварро зарур аст, ки бо истифода аз имконияту захираҳои дастраси худ, ниҳодҳои муҳиму заруриро дар самти ташкил ва инкишофи муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ созмон диҳанд.

Тавсифи моҳияти масъалаҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти рузмарра дорад, чунки дар аксарияти барномаю стратегияҳои давлатӣ имрӯз истифодабарии самараноки сармояи инсонӣ барои таъмини рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ пешбинӣ шудааст. Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бар меояд, ки муаллиф бо тарзу усули махсуси илмию таҳқиқотӣ мавзуи рисолаи диссертатсионии худро ҷамъбаст намуда, асосҳои назариявӣ, равишҳои методии ташаккули муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсониро таҳқиқ намуда, рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити инкишофи кластерҳои илмӣ ва таълимиро таҳлил ва тамоюлҳои рушди онро муайян карда, инчунин самтҳои рушди муҳити институтсионалии инкишофи сармояи инсониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намудааст.

Унвонҷӯй дар автореферат қайд менамояд, ки «...дар шароити иқтисоди рақамӣ сармояи инсонӣ ба таҳаввулоти комилан дигар фаро гирифта мешавад, ки натиҷаи таъсири равандҳои рақамикунонии низомҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Раванди мазкур характери объективӣ дошта, новобаста аз дарки зарурати мутобиқ шудан ба қонуниятҳои он, идома дорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, мутобиқ шудан ба хусусиятҳои асосии равандҳои рақамикунонӣ ба назар гирифтани талаботи он дар ҷараёни такрористеҳсоли сармояи инсонӣ амри ногузир ва воқеияти ғайри қобили инкор мебошад». Инчунин аз тарафи муаллиф, дар расми 1 (саҳ. 12) таҳаввулоти сармояи инсонӣ ва унсурҳои таркибии он зоҳир карда шудааст, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалиро ба худ касб кардааст.

Ақидаҳои тавсиявии худро пешниҳод намуда, муаллиф тавонистааст, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқоти рисолаи диссертатсиониро оид ба мавзуи таҳқиқшаванда ҷамъбаст намояд ва барои таъмини ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ хулосаҳои илмии худро пешниҳод кунад.

Дар баробари афзалиятҳои мусбати ироагардида, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд, аз он ҷумла: таҳлил нагардидааст, ки самаранокии сармояи инсонӣ дар корхонаҳои соҳаҳои пешбари иқтисодиёт (саноат ва кишоварзӣ) дар кадом сатҳ қарор доранд.

Бояд қайд намуд, ки камбудии зикршуда ба сифати умумии рисолаи иҷрогардида таъсири манфӣ намерасонад ва хусусияти тавсиявӣ дорад.

Умуман, бо эътимоди комил метавон қайд кард, ки вазифаҳои дар назди унвонҷӯй гузошташуда иҷро гардидаанд. Комёбиҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навовариии илмӣ аз дигар корҳои иҷрогардида фарқ мекунанд ва ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

Дар маҷмӯъ кори пешниҳодшуда дар мавзӯи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он Ш.К. Садиқова сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.